Тасдиқ карда шуд
бо фармоиши Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «16» майи соли 2014, №59

# ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ МАБЛАҒҲО БА СУРАТҲИСОБИ МАХСУСИ ЗАХИРАҲОИ ИЛОВАГИИ МОЛИЯВӢ БАРОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ СОХТМОНИ ИНШООТИ МУҲИМИ ДАВЛАТӢ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамали мазкур ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014» ва бо мақсади ба танзим даровардани воридоти маблағҳо ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

## 2. Тартиби ташаккули Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ ва ворид намудани маблағҳо ба суратҳисоби махсуси он

2. Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ аз ҳисоби иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи маҳаллӣ ва маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ бо таври зайл ташаккул меёбад:

а) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҳар семоҳа иҷрои буҷети маҳаллиро ҷамъбаст намуда, аз ҳаҷми умумии накшаи тасдиқшудаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ барзиёд иҷрогардида баъд аз пардохт намудани фоизҳое, ки дар моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014» ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисод нишон дода шудааст, 5 фоизи маблағро ба суратҳисоби 20 204 972 854 010 100 180 Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронанд;

б) Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа аз ҳисоби маблағҳои махсуси худ 10 фоизи маблағро ба суратхисоби 20 204 972 854 010 100180 Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронанд;

в) Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз пардохт намудани фоизҳое, ки дар моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014» нишон дода шудааст, сипас 10 фоиз аз ҳисоби 50 фоиз маблағе, ки аз ҳисоби додани сертификат дар ихтиёри Агентии мазкур боқӣ мемонад, ба суратхисоби 20 204 972 854 010 100 180 Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад ва ин маблағ тибқи талаботи сархати 1 қисми 1 моддаи 111 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақсадҳои андоз аз фоида аз даромади умумӣ тарҳ карда мешавад;

г) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти шиносномадиҳию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилоту муассисаҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, ба истиснои муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баъд аз пардохт намудани фоизҳое, ки дар моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014» ба Буҷети давлатӣ пардохт мегарданд, аз ҳаҷми умумии хароҷоти маблағҳои махсуси худ 5 фоизи маблағро ба суратхисоби 20 204 972 854 010 100180 Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронанд;

д) маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ мегузаронанд, аз иҷрои буҷети давлатӣ кам карда намешаванд. Дар ҳисоботи иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ маблағҳои мазкур дар қисми хароҷот ҳамчун «маблағҳое, ки барои ташаккули Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ дода шудаанд» нишон дода мешавад;

е) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе 5 фоиз аз ҳаҷми умумии аз нақшаи тасдиқшуда барзиёд иҷрогардидаи маблағҳоеро, ки ба буҷети шаҳр мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешаванд, ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ ҳар семоҳа мегузаронад;

ё) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ҳангоми таҳияи сметаи хароҷотии маблағҳои махсуси худ маблағҳоеро, ки барои гузаронидан ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ пешбинӣ

шудаанд, аз рӯи гуруҳбандии иқтисодии буҷет дар моддаи 2.7.3.2. (Трансфертҳои асосии дохилӣ ба ташкилотҳои давлатии молиявӣ) ба нақша мегиранд.

ж) дар ҳолати барзиёд иҷро гардидани даромади буҷетҳои маҳаллӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо қабули буҷети иловагиро баъди таъмини иҷрои уҳдадории худ дар назди Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ амалӣ менамояд.

3. Маблағҳо ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ баъди ҷамъбасти натиҷаҳои ҳар семоҳа дар муҳлатҳои зерин гузаронида мешаванд:

- семохаи якум то 25 апрел;
- семохаи дуюм то 25 июл;
- семохаи сеюм то 25 октябр;
- семохаи чорум то 25 январи соли оянда.

### 3.Тартиби истифодаи маблағҳои Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ ва дар ҳисоботи муҳосибавӣ инъикос ёфтани амалиёти дахлдор

4. Хароҷоти маблағҳо аз суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ мутобиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

5. Мақомоти маҳаллии хазинадорӣ 5 фоизи маблағҳои аз иҷрои барзиёдии қисми даромади буҷети маҳаллӣ воридгардидаро ба ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ интиқол дода, дар хисоботи мухосибавӣ чунин амалиёт мегузаронанд:

- Дебет 5 22 920 – «Хароҷот барои Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ»;
- Кредит 1 11 220 - «Суратҳисоби ягонаи хазинадории буҷети маҳаллӣ бо пули миллӣ».

Мақомоти маҳаллии хазинадорӣ дар ҳисобот баъд аз ҷамъбасти хароҷот маблағҳои ба Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ гузаронидашударо дар рамзи 116 нишон медиҳад.

6. Ташкилоту муассисаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳангоми интиқоли маблағ аз ҳисоби маблағҳои махсус ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ дар ҳисоботи муҳосибавӣ чунин амалиёт мегузаронанд:

- Дебет 5 22 920 –«Хароҷот барои Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ»;
- Кредит 1 11 251 -«Суратҳисоби маблағҳои махсуси буҷети ҷумҳуриявӣ».

7. Ташкилоту муассисаҳои буҷети маҳаллӣ ҳангоми интиқоли маблағ аз ҳисоби маблағҳои махсус ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ дар ҳисоботи муҳосибавӣ чунин амалиёт мегузаронанд:

- Дебет 5 22 920 –«Хароҷот барои Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ»;
- Кредит 1 11 252 -«Суратҳисоби маблағҳои махсуси буҷети маҳаллӣ».

8. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми интиқоли маблағ аз ҳисоби додани сертификат ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ дар ҳисоботи муҳосибавӣ чунин малиёт мегузаронад:

- Дебет 2 20 60 -«Суратҳисоби маблағҳои махсуси Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Кредит 1 02 10 –«Хароҷот барои Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ».

9. Баъд аз ворид шудани маблағҳо ба суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи муҳосибавӣ чунин амалиёт мегузаронад:

- Дебет 1 11 421- «Суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ»;
- Кредит 3 50 110 –«Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ».

10. Ҳангоми анҷом додани хароҷот аз суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ дар ҳисоботи муҳосибавӣ чунин амалиёт гузаронида мешавад:

- Дебет 3 50 110 -«Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ»;
- Кредит 1 11 421 -«Суратҳисоби махсуси Захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ».